«Тасдиқ мекунам»:
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ Қурбонзода М.Р.
«__01__» ______04______ с. 2025

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Таваров Дилшодҷон Саидмуродович унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба шумор мерафт.

Таваров Дилшодҷон Саидмуродович соли 2001 ба ихтисоси забони хориҷӣ (англисӣ)-и Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав дохил шуда, онро соли 2006 хатм намуд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав аз 26.05.2017 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав аз 28.06.2017, №11 тасдиқ гардидааст. Инчунин бо қарори

маҷлиси мазкур роҳбари илмии увонҷӯ номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ таъин гардидааст.

Таваров Дилшодҷон Саидмуродович имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои зерин бомуваффақият супоридааст: аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) 07.02.2015 бо баҳои 5 (аъло), аз фанни таърих ва фалсафаи илм 10.03.2018 бо баҳои 4 (хуб), аз фанни сиёсатшиносии умумӣ 24.08.2018 бо баҳои 4 (хуб) ва аз ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ 07.03.2025 бо баҳои 5 (аъло). Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 18.03.2025, №1274 ба Таваров Дилшодҷон Саидмуродович маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 26.03.2025, №6 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи: «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат дорад. Дар таҳқиқоти мазкур омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ, бахусус нақши давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди идоракунии давлатӣ ҳамаҷониба таҳлил гардидаанд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, таҳти № 503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «иттилоотикунонӣ», «ҳукумати электронӣ», «амнияти иттилоотӣ», «кибертерроризм», «киберҷиноятҳо» ва ғ. барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионии Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ вобаста ба мавзуи таҳқиқи илмии ӯ чоп шудаанд ва аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мутобиқат доранд. Муаллифи диссертатсия вобаста ба мавзуи таҳқиқи илмии худ 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба нашр расонидааст. Теъдоди интишороти унвонҷӯ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, сотсиология ва антропологияи сиёсӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳаммияти илмию назариявӣ доранд. Инчунин хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода намудан мумкин аст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона муайян карда шудааст. Мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии чандинсолаи ӯ мебошад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқи мустақилонаи довталаб ба шумор меравад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқи мавзуъ иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо таҳия кардааст. Ӯ дар таҳқиқоти худ муайян мекунад, ки ҷомеаи иттилоотӣ чи гуна дар рушди давлатдории навин нақши ҳалкунанда мебозад. Инчунин дар заминаи таҳқиқи илмии масъала муайян кардани дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми бевоситаи довталаб ба шумор меравад.

Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат мекунад: дар банди 6-уми шиносномаи ихтисоси номбаршуда «Афзудани нақши воситаҳои ахбори омма дар шароити татбиқёбии ҷомеаи иттилоотӣ», «Интернет ва сиёсат», «Воситаҳои ахбори омма ва масъалаи амнияти иттилоотӣ», «Воситаҳои ахбори омма ва масъалаҳои назарфиребии сиёсӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,1 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**


1. Таваров, Д.С. Ҷангҳои иттилоотӣ: моҳият ва хусусиятҳои амалишавии онҳо [Матн] / Д.С. Таваров // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. –№2. –С.55-59. ISSN 0235-005X
2. Таваров, Д.С. Консепсияҳои классикии ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / Д.С. Таваров // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. –№3. –С. 94-100. ISSN 0235-005X
3. Таваров, Д.С. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ асоси ҷомеаи иттилоотӣ (таҳлили соҳаи идоракунии давлатӣ) [Матн] / Д.С. Таваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми 2. –2017. –№2/4. –С.296-300. ISSN 2413-5151
4. Таваров, Д.С. Моҳият ва хусусиятҳои муҳимми ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / Д.С. Таваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми 2. –2017. – №2/5. – С. 270-273. ISSN 2413-5151
5. Таваров, Д.С. Ташаккули ҳукумати электронӣ заминаи муҳимми рушди ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / Д.С. Таваров, Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – №6. – С. 252-257. ISSN 2413-5151

6. Таваров, Д.С. Мушкилот ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.С. Таваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – №8. – С. 264-269. ISSN 2413-5151

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Таваров, Д.С. Нақши давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / Д.С. Таваров / Таҳсилот ва илм дар асри XXI: тамоюлоти муосир ва дурнамои рушд: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (ш.Душанбе, 1-2 ноябри соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 354-356.
2. Таваров, Д.С. Баъзе хусусиятҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Д.С. Таваров / Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 12 декабри соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 267-279.
3. Таваров, Д.С. Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳукумати электронӣ дар шароити имрӯза [Матн] / Д.С. Таваров // Раванди сиёсии муосир. – 2023. – № 2 (2). – С. 149-167.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ бо назардошти

ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 26.03.2025, №8 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор** /__________/ **Саидов А.С.**

**Котиби ҷаласа** /__________/ **Одиназода Н.Ҳ.**

**Имзои профессор Саидов А.С. ва саромӯзгор Одиназода Н.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.**

**Исозода Т.И.** __________________

**735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.**